**Тақризи**

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик. - Душанбе, 2023. -176 саҳ.**

Мусаллам аст, ки омӯзишу пажӯҳиш ва таҳқиқи ҳавзаҳои адабии давраҳои гуногуни инкишофи адабиёт яке аз масоили муҳим дар илми адабиётшиносӣ ба шумор меравад, зеро ба таври амиқ муайян намудани ҷойгоҳи ҳавзаҳои адабии давраҳои мухталифи таърихӣ ҷиҳати хубтар шинохтани тамоюлҳои адабӣ, раванди инкишофи адабиёт, завқи ҳоким дар ҷомеа, сабку услуби нигориш, сатҳи корбурди луғату ороягҳои бадеӣ, нақшу мақоми чеҳраҳои эҷодӣ ва амсоли инҳо мусоидат менамояд.

Зимнан бояд ёдовар шуд, ки дар муайян намудани ҷойгоҳи ҳавзаҳои адабии давраҳои гуногуни инкишофи шеъру адаби халқи тоҷик саҳми адабпажӯҳоне чун Р. Ҳодизода, С. Саъдиев, А. Абдуллоев, У. Каримов, А. Абибов ва дигарон чашмгир аст. Муҳаққиқони мазкур мақоми доираҳои адабии Мовароуннаҳрро дар асрҳои гуногун ва марҳалаҳои муайяни таърихӣ, ки адабу фарҳанги миллати тоҷик дар он мароҳил ба камолоти худ дастрасӣ пайдо кардааст, мавриди арзёбӣ қарор дода, мавқеъ ва саҳми чеҳраҳои барҷастаи эҷодии ҳар як аз муҳитҳои адабии мавҷудаи ин қаламравро ба таври фарогир таҳқиқ ва таъйин намудаанд.

Сарфи назар аз анҷом гирифтани тадқиқоти судманд роҷеъ ба масоили ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳр аз ҷониби адабпажӯҳон, то кунун дар адабиётшиносии тоҷик дар бораи яке аз ҳавзаҳои адабии таъсиргузору адабпарвари даврони Сомониён – доираи адабии Чағониён тадқиқоти алоҳидаву ҷомеъ ва фарогир ба анҷом нарасидааст. Аз ин лиҳоз, диссертатсияи илмии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ

аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик пешниҳод гардидааст, аз ҷиҳати мухтаво ва аҳамияти илмии хеш актуалӣ, буда, иқдоми ҷадид дар адабиётшиносии тоҷик ба шумор меравад. Ба андешаи мо, та□□и□оти ан□омшуда зарурӣ ва саривақтӣ буда, халоеро, ки дар китоби бисёрҷилдаи таърихи адабиёти форс-тоҷик дар масъалаи муҳити адабии Чағониён солҳои зиёд мавҷуд буд, комилу пурра менамояд. Аҳамияти барҷастаи илмии диссертатсияи мазкур, пеш аз ҳама, дар он аст, ки диссертант зиндагиномаи шоир (Мунҷик – Р.Т.), мероси боқимондаи ӯ, хусусан маҳорати шоирӣ, андешаҳои ахлоқӣ, иҷтимоию адабии шоир ва корбасти санъатҳои бадеӣ дар ашъори Мунҷикро дар алоқамандӣ бо тамоюлҳои адабии муҳити адабии Чағониён ва эҷодиёти шоирони муосираш баррасӣ кардааст (саҳ. 12).

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, 8 фасл, хулоса, китобнома ва дар маҷмуъ аз 176 саҳифа таркиб ёфтааст.

Қисмати муқаддимаи рисолаи илмӣ мувофиқи талаботи ин намуди корҳои илмӣ таҳия гардида, дар он ро□еъ ба муҳиммияти интихоби мавзуъ, мубрамият, зарурати таҳқиқ, дараҷаи омӯзиши мавзуъ, мақсаду вазифаҳои пажӯҳиш, равишҳо ва сарчашмашиносии таҳқиқ, навгонӣ ва бозёфтҳои илмӣ, метод ва методологияи тадқиқоти илмӣ, арзишҳои назариву амалии диссертатсия, нуктаҳои меҳварии ба дифоъ тавсияшаванда, саҳми шахсии муаллиф дар анҷоми ин тадқиқоти муҳим ибрози назар шудааст.

Ба аҳли таҳқиқ маълум аст, ки то кунун дар бораи зиндагӣ ва мероси адабии Мунҷик, ба ҷуз аз қайду маълумоти ноқису мухтасари муаллифони маъхазҳои адабию таърихӣ, ва андешаҳои иҷмолии адабпажӯҳоне, ки ба таълифи кутуби таърихи адабиёти форс-тоҷик даст задаанд, таҳқиқоти мукаммалу фарогире ба анҷом нарасидааст. Дар бораи муҳити адабии Чағониён низ пажӯҳишоти ҷудогона ва ҷамъбасткунандае ба вуҷуд наомадааст. То кунун мавҷуд набудани тадқиқоти алоҳидаву мушаххас дар ин масоил як андоза ба аҳамияту арзиши илмии ин диссертатсия меафзояд.

Диссертант дар боби аввал, ки «Муҳити адабии Чағониён дар асри Х ва ибтидои асри XI» ном дорад, дар асоси маълумоти Муҳаммад Авфӣ, Шиблии Нуъмонӣ, Б. Ғафуров, В. В. Бартолд, Н. Ҳотамов ва дигарон вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии дудмони Чағониёнро баррасӣ намудааст. Дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои адабиву таърихии дастрас муаллифи диссертатсия дақиқ намудааст, ки «Чағониён дар сарчашмаҳои адабӣ ба исми Сағониён низ ёд шудааст, аз ҳукуматҳои муқтадир ва мустақили маҳаллии замони Сомониён будаанд» (саҳ. 17).

Дудмони Чағониён, чунонки муаллифи рисола боифтихор дар бораи ин хонадони содиқу шефта ба ормонҳои миллии ориёӣ тадқиқ анҷом додааст, аз замони ибтидои ҳокимияти худ ба Сомониён вафодор будаву ормонҳои давлатсозии онҳоро пуштибонӣ мекардаанд. Пас аз инқирози давлати Сомониён низ ин дудмони адабпарвару шоирнавоз баҳри дурахшандагии забон ва адаби порсӣ талошҳои назаррас намудаанд.

Муҳаққиқ маҳдудаи ҷуғрофиёии Чағониёнро дар асоси гуфтаҳои донишмандон чунин муайян кардааст: Аксари муҳаққиқони маҳдудаи ҷуғрофиёии Чағониёнро вилояте дар бахши болообии масири Ҷайҳун (Амударё) донистаанд, ки ҳавзаи рости Ҷайҳун, яъне Чағонрӯд (рӯдҳои Қаротоғ ва Сурхондарёи кунунӣ) ба он шомил мешуд (саҳ. 17).

Сарзамини қаламрави Ҷағониён ҷои сабзу хуррам, ҳосилхез ва амну осуда даниста шудааст. Муҳаққиқ аз қавли муаллифи "Ҳудуд-ул-олам" шаҳри асосии онро бо номи Чағониён (Деҳнави кунунӣ) зикр кардааст. Ва шаҳрҳои ин дудмонро сабзу хуррам *ва дорои куҳандиз донистаанд, ки ин* гуна маълумот мардуми дорои таърихи куҳан, шаҳрсозу ободгар ва адабпарвару бомаърифат будани халқи тоҷикро собит менамояд. Муҳаққиқ бо истинод аз қавли муаллифони сарчашмаҳои таърихӣ сокинони бумии Чағониёнро мардуми далеру шуҷоъ ва ғаюр маънидод кардааст. Ҳудуди ҷуғрофиёии Чағониён то Шумон – Ҳисори кунуниро низ дар бар доштааст: «Чағониён дар замони Сомониён аз самти ҷануб то шаҳри сарватмандтару пурҷамъияттари Тирмиз доман паҳн карда, аз машриқ то Шумон тул

доштааст» (саҳ. 18). Муқаққиқ дар асоси маълумоти фаровони маохизи таърихӣ тавонистааст, ки доир ба вазъи ҷуғрофӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва адабиву фарҳангии дудмони Чағониён таълифоти ҷиддӣ анҷом диҳад.

Боби дуюми диссертатсия «Мунҷики Тирмизӣ ва осори адабии ӯ» ном дошта, аз ду фасл иборат аст. Ба муаллиф муяссар шудааст, ки дар асоси маълумоти сарчашмаҳои адабию таърихӣ ва рисолаҳои илмӣ ба баъзе паҳлуҳои то ҳанӯз торики рӯзгор ва осори Мунҷик равшанӣ андозад. Маъхази аслие, ки дар бораи Мунҷик маълумот дарҷ кардаанд «Лубоб-ул-албоб», «Арафот-ул-ошиқин» ва «Ҳафт иқлим» мебошанд. Маълумоти сарчашмаҳои мазкур низ асосан фарогири фазилати шеър ва мухтассоту халлоқияти шоирии Мунҷиканд. Роҷеъ ба зиндагиномаи шоир дар ҳеҷ сарчашмае маълумоти қонеъкунанда ва ҳамапазир мавҷуд нест. Бинобар ин, муҳаққиқ кӯшидааст, дар асоси маълумоти андаки сарчашмаҳо ва ашъори парокандаи шоир зиндагиномаи Мунҷикро ба андозае муқаррару барқарор намояд.

Мушкили асосӣ дар омӯзишу пажӯҳиши Мунҷик мавҷуд набудани девони комили ӯст. «Сафарнома»-и Носири Хусрав яке аз қадимитарин сарчашмаҳои адабие мебошад, ки бори нахуст дар бораи мавҷуд будани девони ашъори Мунҷики Тирмизӣ маълумот дода шудааст. Вале, мутаассифона, дар ҳаводиси рӯзгор девони Мунҷик аз байн рафтааст ва маҳз тавассути китобҳои луғат ва балоғати форсии тоҷикӣ то имрӯз ҳамагӣ 326 байт боқӣ мондааст. Муҳаққиқ кӯшиш ба харҷ додааст, ки ин абёти пораву парешони Мунҷикро аз назари ҳунари шоирӣ, сабки баён, забон ва тарзи тасвир ва мухтассоти поэтикӣ бисёр ҷиддӣ ва дақиқ баррасӣ кунад ва муҳимтар аз ҳама ба диссертант муяссар шудааст, ки аз уҳдаи ин кор ба хубӣ барояд. Таъкид кардан бамаврид аст, ки диссертант дар баробари истинод ба сарчашмаҳо ва гуфтаҳои донишмандон ҷой-ҷое мулоҳизаҳои шахсии худашро баён сохта, баҳсҳои илмӣ меорояд, ки арзиши кори ӯро баланд мебардорад. Андешаи онҳоро дар асоси сурудаҳои шоир бо далелу санад тасдиқ ва ё рад мекунад, ки ин амалкард яке аз муқаррароти

таълифоти илмӣ мебошад. Масалан, бо Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб дар мавриди шоири ҳирфаӣ надонистани ӯ ҳамзамони Мунҷикро чунин баҳс мекунад: «Он чи ки аз мушоҳида гузашт, собит месозад, ки назари Муҳаммадҷаъфари Маҳҷуб, ки «баҳс дар боби сабки якояки» шоирони ҳамзамони Мунҷикро «на мақдур асту на муфид» донистааст, ба ҳақиқат рост намеояд» (саҳ. 82).

Боби сеюми диссертатсия “Осори бозмондаи Мунҷики Тирмизӣ” тасмия шуда, фарогири чаҳор бахш аст. Ҳар як бахши ин боб ба анвои шеърии осори дастрасшудаи Мунҷик, аз қабили қасидаҳо, марсияҳо, ҳаҷву мутоибот ва абёти пароканда ихтисос дорад. Андеша ва натиҷагириҳои муаллифи рисола дар боби мазкур комилан илмӣ ва мустақил мебошад.

Муҳаққиқ қасидаҳои Мунҷикро ба таври муфассал баррасӣ намуда, ӯро чун шоири бузурги қасидасарои дарбори Чағониён медонад ва мамдуҳони ӯро низ номбар мекунад. Қасидаҳои Мунҷик, тибқи андешаи диссертант, ифодагари сабки маъмулу роиҷи дар мадҳгӯӣ эҷоднамудаи устод Рӯдакӣ – мадҳи дурусту рост буда, дар онҳо иғроқу дурӯғбофӣ ва васфу ситоиши аз меъёр берун нисбат ба шахсияти мамдуҳ дида намешавад, балки Мунҷик низ шоҳи замонро панду андарз гуфтаву ӯро ба адолату корҳои нек ҳидоят мекунад.

Муҳаққиқ қасидаи нисбатан бузургеро, ки аз Мунҷик боқӣ мондааст ва он қасидаи ломия ном дорад, аз назари мазмуну муҳтаво ва сохтори поэтикӣ ба таври муфассал таҳлилу тадқиқ кардааст.

Саранҷом, муҳаққиқ ба хулоса омадааст, ки «Қасидаҳои бозмондаи Мунҷик аз лиҳози ҳаҷму сохтор гуногун мебошанд» (саҳ.87).

Диссертант Мунҷикро асосан шоири қасидасарои тозагӯй медонад. «... дар ашъори боқимондаи Мунҷик қасида нақши асосӣ дошта, шоир дар сурудани ин навъи шеър чирадаст ва нававар мебошад» (саҳ. 103).

Муаллифи диссертатсия Мунҷикро идомадиҳандаи мавзуъҳои шеъри Рӯдакӣ медонад ва таъкид медорад, ки Мунҷик низ чун Устод Рӯдакӣ дар сӯги шахсиятҳои бузург ва шоҳону амирони ҳамзамонаш марсияҳо

сурудааст. Қасидаи дар сӯги нобаҳангоми амирзодаи чағонӣ Абдуллоҳ сурудаи Мунҷикро муҳаққиқ ба сифати намуна мисол оварда, ҷолиб мешуморад.

Муқоиса ва таҳқиқи марсияҳои Мунҷик бо марсияҳои шоири дигари дарбори Чағониён – Фаррухӣ аз ҷониби муҳаққиқ ба аҳамият ва арзиши илмии диссертатсия меафзояд.

Дар диссертатсия ҳамчунин ҷанбаи дигар ва асосии фаъолияти ҳунарии Мунҷик, яъне ҳаҷву мутоиботи ӯ баррасӣ мешавад. Муҳаққиқ дар асоси маълумоти маохизи адабӣ ва мероси ҳаҷвии аз ӯ боқимонда Мунҷикро «аз бузургтарин шоирони ҳаҷвнигори адабиёти форсии тоҷикии садаи чаҳоруму панҷум» донистааст (саҳ. 115).

Диссертант хусусиятҳои асосии ҳаҷву мутоиботи Мунҷикро баррасӣ карда, аз ҷумла ба чунин натиҷа мерасад: «Ҳаҷвиёти Мунҷик мисли ҳаҷви шоирони гузаштаи мо бештар ҳаҷви шахсӣ мебошад» (с. 120).

Муҳаққиқ абёти парокандаи Мунҷикро низ таҳқиқ намуда, онҳоро аз назари мазмуну муҳтаво мавриди арзёбӣ қарор додааст. Ниҳоят, муҳаққиқ ба мазмунҳои асосӣ ва ба кадом жанри адабӣ марбут будани абёти парокандаи шоирро дар асоси девони Мунҷик, ки Эҳсон Муқаддами Шаворибӣ ба чоп омода намудааст, ба баррасӣ гирифтааст.

Натиҷагириҳои илмии диссертант дар қисми хулоса дар 14 банд манзур гардидаанд, ки онҳо пажӯҳишоти илмии муҳаққиқро дар бахшҳои муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI, зиндагинома, мероси адабӣ ва вижагиҳои сохториву маъноии ашъори Мунҷики Тирмизӣ дар шакли фишурда ва муҷазу дақиқи илмӣ фаро гирифтаанд. Ва бо ин тадқиқот ҳавзаи адабии сирф тоҷикии дигари аҳди Сомониён кашф ва ҷойгоҳи он дар адабиёти форсии тоҷикӣ таъйин гардидааст. Китобнома низ бонизом ва бо тартиби илмиву алифбоӣ таркиб ёфтааст.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ дар диссертатсия, ки дар умум аз 176 саҳифа иборат мебошад, бархе камбудиву норасоиҳое низ ба мушоҳида мерасанд, ки ба эътибор гирифтани онҳо, ба андешаи мо, барои

боз ҳам афзудани арзиши илмии таҳқиқоти мавриди назар мусоидат менамояд. Аз ҷумла:

1. Дар диссертатсия мавҷудияти ғалату иштибоҳоти имлоиву техникӣ ҷо-ҷо ба чашм мерасанд, ки ислоҳ ва рафъи онҳо арзишу аҳамияти илмии корро боз ҳам боло мебардорад. Масалан, дар диссертатсия вожаҳои саъй - сайъ, афв - авф, одӣ - оддӣ, саноеи бадей - саноеъи бадеъӣ, бархӯрдор – бархурдор, интизой – интизоъӣ, халлоқият – халоқият, руҳ – рӯҳ, нӯк – нук, тул – тӯл, маҷмуъ – маҷмӯъ, аҳамият - аҳаммият ва амсоли инҳо барғалат навишта шудаанд, ки хилофи меъёр ва муқаррароту талаботи «Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ» мебошанд.

2. Бо он ки дар кор аксар маворид истиноду ирҷоот дурусту саҳеҳ нишонагузорӣ шудаанд, аммо баъзан иқтибосҳо бидуни нишондоди саҳифаҳои маъхаз оварда шудаанд, масалан дар саҳ. 144 пас аз байти зер:

*Чун мурғаш аз ҳаво ба сӯи варда,*
*Аз меъда боз това шавад нонат (162, -)*

саҳифаи сарчашма зикр нашудааст.

3. Дар фасли мутоиботи Мунҷик хуб мебуд, ки муҳаққиқ ҳаҷвиёти шоирро бо ҳаҷвияҳои ҳамзамононаш, хусусан бо Рӯдакиву Шаҳиди Балхӣ ва Сӯзанӣ дар қиёси ҳам таҳқиқ ва баррасӣ менамуд, то ба ин васила ҷойгоҳи Мунҷик дар ҳаҷв дақиқ мешуд.

4. Диссертант дар раванди таҳқиқ аз баъзе таҳқиқоти доир ба ҳамасрони Мунҷик суратгирифта, бахусус аз рисолаҳое, ки роҷеъ ба Дақиқӣ, Шаҳид, Абушакур ва дигарон анҷомшуда сарфи назар кардааст.

5. Дар диссертатсия такрор шуда омадани баъзе иқтибосот, бахусус нуқтаи назари муаллифони тазкираҳои «Лубоб-ул-албоб», «Арафот-ул-ошиқин» ва махсусан андешаи Шафеии Кадканӣ дар бораи тарзи баёни хос ва тозагии услуби сухансароии Мунҷик ба назар мерасад.

6. Барои мантиқан дуруст ва боз ҳам мураттабу муназзам шудани масоили дар диссертатсия матраҳшуда муаллифро лозим буд, ки мавқеи боби дуюму сеюмро тағйир диҳад.

7. Агар муаллифи диссертатсия дар аснои таҳқиқи сабку услуб, забон, бадеъ ва тарзи баёни ашъори Мунҷик ба масоили аруз ва махсусан ба корбурди авзон дар шеъри ин шоир таваҷҷуҳ зоҳир мекард, дар натиҷа вижагиҳои ихтиёроти шоирии замони Сомониёнро, ки яке аз мавзуъҳои нисбатан дастнохӯрда аст, ба андозае бармало месохт, вале, мутаассифона, ин мавзуъ аз доираи таҳқиқи диссертант берун мондааст.

Ба таври умум, бояд қайд кард, ки камбудиҳои мазкур дар қиёс бо мустаҳсаноту муваффақиятҳои кор ночизу дувумдараҷаанд ва ба ҳеҷ ваҷҳ муҷиботи нақзу коҳиши корро ба бор намеоваранд. Ислоҳи онҳо дар мароҳили баъдии фаъолияти илмии муаллиф, масалан, ҳангоми дар шакли монографияи илмӣ омода кардани рисола, имкон дорад.

Мутолиаи диссертатсия баёнгари он аст, ки мақсад ва вазифаҳои дар муқаддимаи кор гузошташуда асосан иҷро гардида, мазмуну муҳтаво ва ҳаҷми он ба талаботи таълифи диссертатсияҳои номзадӣ комилан ҷавобгӯст.

Фишурдаи рисола ва мақолоти нашрнамудаи муаллиф, ки аксарашон дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд, муҳтавои асосии диссертатсияро фаро мегиранд. Мавзуи интихобнамудаи Жумакулов Жамшид ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01. – Адабиёти тоҷик комилан мувофиқат мекунад. Коркарди амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва нашри таълифоти илмӣ дар мавзуи диссертатсия ба меъёр ва талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавоб дода метавонад.

Ҳамин тариқ, диссертатсия илмии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи «Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI» бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва арзиши назариву

амалиаш ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан бо бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.01. – Адабиёти тоҷик мебошад.

**Доктори илмҳои филологӣ,**
**профессори кафедраи адабиёти тоҷики**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Тағаймуродов Р.Ҳ.**
**"24" августи соли 2023**

**Суроға: ш. Бохтар, кӯчаи Дӯстии халқҳо – 56 /22.**
**Телефон: (+992) 904 10 55 22**

**Имзои Р.Ҳ. Тағаймуродовро тасдиқ менамоям.**
**Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси**
**ДДБ ба номи Носири Хусрав: Шукурзод Ҷ.А.**
**"24" августи соли 2023**

**Суроға: 735140, ш. Бохтар, кӯчаи Айнӣ 67,**
**Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав**
**Тел: (832 22) 2-45-20; 2-22-53**
**E-mail: bsu78@mail.ru**